# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

## Мубрамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ

Гандум, яке аз зироатҳои асосии кишоварзӣ ба шумор рафта, барои таъмини амнияти озӯқавории аҳолии кураи Замин нақши калонро мебозад..

Вале, истеҳсоли гандум дар Тоҷикистон ҳоло талаботи аҳолиро пурра қонеъ намегардонад ва зарур аст, ки дар оянда истеҳсоли он зиёд гардонида шава. Самти асосии ҳалли мушкилоти таъмини ғаллаи хушсифат дар Тоҷикистон ба эҷоди навъҳои нави гандум, ки ба таъсири манфии муҳити экологӣ тобовар бошанд ва дорои миқдори зиёди сафеда, ки аз рӯи миқдори аминокислотаҳо муайян мегардад, вобастагии калон дорад. Дар робита ба ин, унвонҷӯй омӯзиши хусусиятҳои морфологӣ ва аломатҳои хоҷагию арзишмандии намунаҳои арзишманди аз коллексияи (коллексия) ҷаҳонии ИУР-и Федератсияи Россия гирифтаро пеша намудааст. Вобаста ба ин, вай омӯзиши хусусиятҳои сабзиш ва рушди намунаҳои гандуми мулоимдона; муқаррар кардани давомнокии давраи нашъу намои онҳо; тавсифи аломатҳои генетикии намунаҳои ояндадори гандуми мулоимдонаро дар шароити агроэкологии водии Вахш ва таъсири нурии маъданӣ (нитроаммофоска) ба ҳосилнокии намунаҳои гандум ҳаматарафа омӯхта баромадааст.

**Резмонова Қурбоной Шариповна** корҳои илмии хешро соли 2016 оғоз намудааст. Вай дар давоми гузаронидани таҳқиқот маҳорати баланди эксперименталӣ доштани худро нишон дода, натиҷаҳои арзишманди илмиро ба даст овардааст. Объектҳои таҳқиқоти дар шароити иқлими гарми шаҳри Бохтари вилояти Хатлон вобаста ба хусусиятҳои генетикии онҳо ва маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоими аз коллексияи ИУР -и Федератсияи Россия гирифташударо, бартарии онҳоро нисбат ба навъи муқаррарии гандуми «Ормон» исбот намудааст. Унвонҷӯ корҳои илмиро дар заминҳои таҷрибавии кафедраи биологияи умумии факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва филиали Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистони дар вилояти Хатлон воқеъ буда, дар озмоишгоҳи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ дар сатҳи баланди илмӣ ба ҷо овардааст.

Кори диссертатсионии **Резмонова Қурбоной Шарифовна** дар мавзуи «Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон» аз муқаддима, 5 бобо, 21 зербоб, хулоса,тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи диссертатсионӣ бо назардошти маълумоти дар адабиёти илмӣ мавҷудбуда асоснок карда шудааст, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ- таҳқиқотӣ арзёбӣ гардида, обеъкт ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ – амалӣ ва дигар маълумотҳои илмӣ оварда шудаанд.

**Боби якуми дисертатсия.** Унвонҷӯ дар боби якум корҳои олимони ватанӣ ва хориҷи кишварро , ки ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд мебошанд, пурра таҳлил намуда, онҳоро дар диссертатсиаш васеъ истифода намаудааст.

**Боби дуюми диссертатсия**. Ин боби диссертатсия ба шароити иқлими минтақаи таҳқиқот, таркиби хок, намудҳои намакҳои таркиби хок, оид ба нишонаҳои генетикии маводҳои таҳқиқотӣ ва усулҳои таҳқиқот бахшида шудааст.

**Дар боби сеюм,** уновнҷӯ натиҷаҳои ниҳоии ба даст овардаро пурра таҳлил гардида, оиди ба давраҳои нашъунамои намунаҳои гуногуни гандум, намуда, ба гармӣ тобоварии намунаҳои нави гандумро ҳангоми истифодаи нурии маъданӣ (нитроаммофоска) ва ҳосилнокии онҳоро нисбат ба навъи гандуми мулоимдонаи ватании “Ормон” малумотҳои муфиди илмиро ба қалам додааст.

**Дар боби чоруми диссертатсия** уновонҷӯ арзиши аслии маҳсулот, арзиши умумии маҳсулот ва самаранокии парвариши намунаҳои нави гандумро, нисбат ба навъи гандуми муқараррии “Ормон” собит намудааст.

**Дар боби панҷуми диссертатсия,** унвонҷӯ баррасии натиҷаҳои таҳқиқтро оид ба намунаҳои нави таҳқишудаи гандуми мулоим дар шароити иқлимии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон пешниҳод намудааст ва дар хулосаҳои овардашуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро нишон додааст.

Диссертатсия ва автореферат мазмуни асосии таҳқиқотҳои гузарондашударо ифода менамоянд.

**Хулоса.** Диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи **«Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон»** кори илмии анҷомёфта ба шумор рафта, бо мубрамияташ, бо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш оиди омӯзиши намунаҳои ояндадори гандуми мулоимдона ва самаранок будани парвариши онҳо дар шароити

ҷануби Тоҷикистон, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021,№267) ва Дастурамали оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021,№3) ҷавобгӯ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд ва муаллифи он Резмонова Қурбоной Шариповна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01.-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Мушовири илмӣ, доктори илмҳои кишоварзӣ,

Партоев Қурбоналӣ

Суроға: 734065, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Зарафшон, массивӣ 1, хонаи 10, ҳуҷраи 56.
Телефон: (+992) 918 -64-95-05. E-mail pkurbonali@mail.ru

Имзои Партоев Қурбоналиро тасдиқ мекунам:

Сардори шӯъбаи кадрҳои Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ Умарова Н.С.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Карамова , 27.
Телефон: (+992) 918 -64-95-05.
E-mail pkurbonali@mail.ru
31.01.2024